# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

№17 (394) / 25 октябри соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

www.mehnat.tj  Rrohnamo@mail.ru  +992 93-483-36-36  Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## Гулнора ҲАСАНЗОДА:
## «ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА СТРАТЕГИЯҲО
### дар таъмини зиндагии шоистаи мардум аввалиндараҷа мебошанд»



Дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён бо иштироки намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода, раиси ноҳия Мирзодавлат Сабурзода, инчунин муовинони раиси ноҳия, сардорони раёсатҳо ва мудирони шуъбаю бахшҳои дастгоҳи раиси ноҳия, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарону намояндагони сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хоҷагиҳо, кормандони масъули соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ташкилоту муассиса, соҳибкорон, раисони маҳалла ва ходимони дин маҷлиси фаъолони ноҳия баргузор гардид.

Намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода зимни суханронӣ бо ёдоварӣ аз мураккаб гардидани авзои сиёсии ҷаҳон ва минтақа, таҳдиди хатарҳои афзоянда ва таъсири он ба иқтисодиёту иҷтимоиёти ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо изҳори назар кард. Иброз гардид, ки дар баробари муваффақиятҳо дар самти иҷтимоию иқтисодии ноҳия камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи саривақтиро тақозо менамоянд.

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ намудани Барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳоро дар самти саноат, сохтмон, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи мардум аввалиндараҷа маънидод карда, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, ҳифзи амнияту оромиро аз вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи аҳли ҷомеа арзёбӣ намуд.

Ниг. саҳ. 4-5

**Мо бо заҳмати содиқонаи мардуми сарбаланди тоҷик ва корномаи баҳодуронаи фарзандони бонангу номуси миллат ҳамаи ниятҳои нек ва нақшаҳои созандаамонро амалӣ мегардонем.**
**Эмомалӣ РАҲМОН**

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19


ПАЁМИ ВАЗОРАТ 2
НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТ ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023





ШУҒЛИ АҲОЛӢ 3
ВАЗИФАИ МУҚАДДАС ВА ҚАРЗИ ФАРЗАНДӢ





ЭЪЛОН 4
ЛОИҲАИ НАВСОЗИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ



ДОҒИ РӮЗ 7
ВАБОИ АСР ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР




Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# МАҶЛИСИ ҲАЙАТИ МУШОВАРА



13-уми октябри соли 2023 таҳти раёсати вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода маҷлиси ҳайати мушовара “Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2023” баргузор шуд.

Дар маҷлис муовинони вазир, сардорони раёсатҳо ва шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, сардорони хадамотҳои назоратӣ давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, муҳоҷират, директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва сохторҳои он дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, директорони муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ, литсейҳои касбӣ-техникии шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Оид ба натиҷаҳои фаъолияти вазорат ва сохторҳои он дар 9 моҳи соли ҷорӣ гузориши муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қиёмиддин Давлатзода шунида шуда, дар муҳокимаи масъала сардорони хадамотҳо, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, директорони муассисаҳо суханронӣ намуда, ба пурсишҳои раиси маҷлис посух доданд.

Зимни ҷаласа ба рафти иҷрои барномаҳои соҳавӣ, бахусус Барномаи касбомӯзии шаҳрвандон барои солҳои 2021–2025 ва Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, ҷиҳати таъмини иҷрои чорабиниҳои барномаҳои мазбур ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дастур супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Ҳамзамон, масъалаҳои муносибатҳои меҳнатӣ, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, пешгирии ходисаҳои нохуши истеҳсолӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, сафарбаркунии муташаккилона барои бокортаъминшавӣ дар хориҷи кишвар ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, омодагии пеш аз сафар, касбомӯзии шаҳрвандон тибқи талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи мамлакат, вазъи таъмини хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо китобҳо ва маводи таълимӣ, омодагии муассисҳои мазкур ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, рафти иҷрои дурнамои нақшаву барномаҳои соҳавӣ, таъмини шаффофияти фаъолият ва пешгирии ҳамагуна амалҳои номатлуб ва дигар масъалаҳои ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, масъулини сохторҳои вазорат ҷиҳати тақвияти фаъолият муваззаф гардиданд.

Аз натиҷаи баррасии масъала қарори дахлдор қабул гардид.



# ДАСТУРҲОИ МУШАХХАС

Дар вилояти Хатлон 9-уми октябри соли равон бо иштироки вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода ва роҳбарони сохторҳои таркибии вазорат дар вилоят ҷаласаи ҷамъбастии нуҳмоҳа баргузор гардид.

Доир ба натиҷаҳои фаъолияти сохторҳои таркибии вазорат гузориши роҳбарони сохторҳо дар вилояти Хатлон давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ шунида шуд. Қайд гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ дар самтҳои меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва рушди ҳунарҳои милливу муосир, як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд.



Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода таъкид кард, ки муҳимтар аз ҳама, мақомоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ имрӯзҳо корбариро ҷиҳати таъмини кормандон барои сохтмони азими аср – НБО “Роғун” низ идома дода, илова ба ин, барои пешбурди корҳои сохтмонӣ ва фаъолияти истеҳсолии як қатор иншооту корхона, аз ҷумла таҷдиди роҳи автомобилгарди Дарвоз–Хоруғ, Нуробод–Оби Гарм, Конибодом–Деҳмой, инчунин сохтмони НБО “Себзор”, таҷдиди НБО “Қайроққум” ва ғайраҳо бо роҳи пахши роликҳо ва дигар воситаҳои рекламавӣ кормандонро ҷалб намуда истодаанд.

Дар зимн маврид ба зикр аст, ки дар асоси супориши протоколии маҷлиси Ҳукумати кишвар ва дастури бевоситаи Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба соҳибкасб намудани аҳолии кишвар ва инчунин таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори муносиб дар дохили кишвар, ҳамчунин бо таври муташаккилона сафарбар намудани аҳолӣ бо назардошти диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна, то ба имрӯз аз ҷониби сохторҳои вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас анҷом дода шуда истодааст.

Дар фарҷоми ҷаласаи ҷамъбасти нуҳмоҳа ҷиҳати бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта ба масъулини сохторҳои вазорат дар вилояти Хатлон дастурҳои мушаххас дода шуд.

**Хабарнигори мо**

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ НУҲМОҲА

Дар асоси нақшаи кории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми октябри соли ҷорӣ бо иштироки муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати Хадамоти муҳоҷирати вилояти Суғд ва кормандони дастгоҳи раёсат, сардорони шуъба ва мудирони бахшҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо, кормандони бахши Хадамоти муҳоҷират дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ва истгоҳи роҳи оҳан, директори Муассисаи давлатии “Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ дар шаҳри Хуҷанд” дар толори Литсейи касбии техникии шаҳри Хуҷанд маҷлиси ҳисоботӣ оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти нуҳмоҳаи соли 2023 доир гардид.



Маҷлисро муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Давлатзода ифтитоҳ намуда, нахуст аҳли толорро бо супоришу вазифагузориҳои протоколи ҷаласаҳои ҳисоботии ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти муҳоҷират ва маҷлиси фаъолони вилояти Суғд шинос намуда, баён дошт, ки “аз ҷониби мақомоти болоии роҳбарӣ ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани фаъолият ва бо нишондиҳандаҳои баланди меҳнатӣ сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ватанамон дар назди аъзои ҷомеа, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ супоришу вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд, ки барои иҷрояшон ҳамаи мо масъул ҳастем”.

Пас аз шунидани гузориш дар мавриди натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолияти Раёсати Хадамоти муҳоҷират ва сохторҳои зертобеи он дар давоми нуҳ моҳи соли 2023 ва вазифаҳо барои семоҳаи чоруми соли равон, бобати масъалаи ба танзим даровардани муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ эътибори махсус зоҳир гардид ва он ба таври густарда баррасӣ шуд.

Ба сардорони шуъба ва мудирони бахшҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ, Деваштич ва Зафаробод ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо дар самти муҳоҷирати дохилию экологӣ ва зудтар сафарбар намудани муҳоҷирон ба ноҳияҳои қабулкунанда аз ҷониби муовини Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳо дода шуд.

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд**

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02

## ВОХӮРИИ ВАЗИР БО ҲАМОҲАНГСОЗИ НАВТАЪИНИ «ТИКА»



20-уми октябр вохӯрии Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа бо Ҳамоҳангсози навтаъини Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (ТИКА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ибраҳим Этхем Унал баргузор гардид.

Муҳтавои вохӯрии мазкур барои рушди соҳа, аз ҷумла мубодилаи таҷриба дар самти сиёсати меҳнат ва шуғли аҳолӣ, низоми меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, барқарорсозии касбии маъюбон, ташкили назорати системаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, мониторинги рушди бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ ва касбомӯзӣ барои бекорон равона шудааст.

Дар ҳамкорӣ бо ТИКА дар МД «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» синфхонаҳои компютерӣ ва синфхонаи таълимии "Қаннодӣ", "Тарабхонаи таълимӣ" ва "Кафшергари газию барқӣ" сохта, бо таҷҳизотҳои муосир таъмин карда шуданд.

Ҳамзамон дар ин давом китобхонаи Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» ва Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» низ ба "Барномаи электронии низоми мониторинг" насб карда шуд.

## ВАЗИФАИ МУҚАДДАС ВА ҚАРЗИ ФАРЗАНДӢ



Ба наздикӣ дар Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо иштироки Бобохонзода Сайдалӣ Сангимурод – сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафарзода Некрӯз - мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардорони раёсату шуъбаҳо, мудирони бахшҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар ва мутахассисони дастгоҳи марказии агентӣ, сардорон ва сармуҳосибони мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, директорон, сармуҳосибон ва омӯзгорони Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ» ва муассисаҳои таълимии касбии система семинари омӯзишӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиши мазбур масоили дар амал татбиқ намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2023, №АП-350, «Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти шарҳи универсалии даврӣ (давраи сеюм) барои солҳои 2023-2026» ва иҷрои талаботи Нақшаи кори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2023", инчунин, ҷиҳати татбиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030" ва "Дар бораи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026" бо мақсади тақвият бахшидани донишу малакаи касбии кормандони дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои он вобаста ба таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати донишҳои ҳуқуқӣ, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром нисбат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба баррасӣ гардиданд.

Дар рафти чорабинӣ намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобохонзода Сайдалӣ Сангимурод ва Сафарзода Некрӯз – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавзуи семинар суханронӣ намуданд.

**Шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи марказии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

## ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТИИ МАН

**Суол.** Корманд дар давоми соли таҳсили 2022-2023 ду моҳ кор кардааст. Вай дар ин муддат дар давраи рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ва рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак қарор дошт. Оё ӯ барои ба рухсатии меҳнатӣ баромадан ҳуқуқ дорад?

**Посух.** Бинобар талаботи банди 2 моддаи 102 Кодекси меҳнат агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ба собиқаи кор, ки барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад, инҳо дохил карда намешаванд:

- вақти бе сабабҳои узрнок дар кор ҳозир набудани корманд;
- вақти рухсатиҳои барои нигоҳубини кӯдак то ба синни муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расидани ӯ;
- вақти рухсатиҳои бемузд, ки бо хоҳиши корманд бо давомнокии беш аз 15 рӯзи тақвимӣ дода шудааст.

Инчунин, мутобиқи моддаи 107 вақт ва навбати додани рухсатии меҳнатӣ бо тартиби пешбининамудаи шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, ҷадвали рухсатиҳо бо намояндагони кормандон мувофиқа ва ё бо мувофиқаи байни корфармо ва кормандон муайян карда мешаванд.

2. Ҷадвали дода шудани рухсатиҳои меҳнатӣ барои соли тақвимӣ тибқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиб дода мешавад, ки он бо корфармо ва иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон ба мувофиқа расида, ба маълумоти ҳамаи кормандон пешниҳод карда мешавад. Яъне, агар дар ҷадвал вақташ муайян шуда набошад, дода намешавад.

Дар асоси моддаи 222 Кодекси меҳнат пеш аз рухсатӣ барои ҳомила ва таваллуд ё бевосита баъд аз он ё баъд аз тамом шудани рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак бо хоҳиши зан, новобаста аз собиқаи корӣ дар ташкилоти мазбур, рухсатии ҳарсолаи меҳнатии пардохтшаванда дода мешавад. Бисёри занон пеш аз ҳомиладорӣ ва таваллуд ба рухсатии меҳнатӣ мебароянд. Пас баъди рухсатӣ ӯ ҳуқуқи рухсатии меҳнатӣ баромаданро надорад, зеро давраи нигоҳубини тифл барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқ намедиҳад ва тарҳ карда мешавад. Дар мисоли овардашуда низ коргарзан пас аз таваллуд ҳамагӣ ду моҳи корӣ фаъолият намудааст.

Дар ҳама ҳолат хадамоти кадрӣ давраҳои соли кории барои нигоҳубини тифлро тарҳ намуда, пас аз он ба коргарзан рухсатии меҳнатиро бояд пешниҳод кунад, инчунин, бояд донад, ки рухсатии меҳнатӣ дар як сол як маротиба дар асоси ҷадвал пешниҳод карда мешавад. Коргарзан наметавонад пас аз 2-3 соли нигоҳубини тифл 2-3 моҳ фаъолият карда, ба рухсатии меҳнатӣ барояд. Ӯ танҳо пас аз соли нави тақвимӣ ва пас аз муайян шудани моҳи ба рухсатии меҳнатӣ баромаданаш метавонад ба рухсатии меҳнатӣ барояд. Дар ҳама ҳолат давраи кории корманд аз ҷониби хадамоти кадрӣ ҳисоб карда мешавад ва солҳоеро, ки коргарзан дар рухсатии меҳнатии нигоҳубини тифл буд, тарҳ мекунад.

Масалан, коргарзан аз 5 майи соли 2020 ба кор даромадааст ва 5 майи соли 2021 коргарзан ба рухсатии меҳнатии навбатӣ баромад ва пас аз он варақаи корношоямии ҳомиладорӣ ва таваллуд оварду аз октябри соли 2021 то 1,5-солагии кӯдак барои нигоҳубини тифл рафт. Дар моҳи апрели соли 2023 ба кор шуруъ намуд ва дар моҳи июл (3 моҳ кор кард) мехоҳад ба рухсатии меҳнатии солҳои 2022-2023 барояд. Дар мисоли овардашуда коргарзан наметавонад ба рухсатии меҳнатӣ солҳои 2022-2023 барояд. Зеро ӯ ин давраи кориро пурра кор накардааст. Ӯ метавонад аз январи соли 2024 ба рухсатии меҳнатии ҳарсола барояд, танҳо пас аз тасдиқ шудани ҷадвали рухсатиҳои кормандони корхона, дар асоси моддаи 104 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамзамон, чунон ки гуфта омад, вақти рухсатиҳои барои нигоҳубини кӯдак то ба синни муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расидани ӯ ба собиқаи кор, ки барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад, дохил карда намешавад.

Яъне, давраи нигоҳубини тифлро агар тарҳ кунем, пас корманд аз моҳи апрели соли 2023 ба кор ҳозирбуда ҳисобида мешавад ва танҳо дар соли навбатӣ метавонад ба рухсатии меҳнатии навбатӣ барояд. Инчунин, давраи рухсатии меҳнатии корманд аз апрел ба апрел ҳисобида мешавад, ҳарчанд, ки коргарзан метавонад дар соли 2024 дар моҳи январ ё феврал ба рухсатии меҳнатӣ (тибқи ҷадвал) барояд.

Дар ҳама ҳолат, ҳангоми зарурат ба коргарзан мутобиқи моддаи 104 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз ҳолатҳои дар сархатҳои аз якум то нуҳуми қисми 2, қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур нишондодашуда рухсатӣ мутаносибан ба рӯзҳои дар давоми сол коркардашуда, аммо на камтар аз 14 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

№ 17 25 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023
Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ДАР АРАФАИ ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ 2500-СОЛАГИИ ЁДГОРИИ ТАЪРИХИИ «ТАХТИ САНГИН»



**Дар давоми солҳои истиқлолият мардуми заҳматкаши ноҳияи Қубодиён дар қатори дигар сокинони кишвар барои пешрафти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон садоқатмандона кору фаъолият намуда, бахусус, дар самти ҳифзи амнияти озуқаворӣ саҳми сазовори худро гузошта истодаанд. Дар ҳамин хусус ва ҷараёни сафари Гурӯҳи кории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи мазбур гузориши хабарнигорамон пешниҳоди хонанда мегардад.**

Рушду тараққиёти ноҳияи Қубодиён ва беҳтар гардонидани сатҳи некуаҳволии сокинони он дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дошта, ҷиҳати вусъат бахшидани амалҳои созанда дар ноҳия пайваста чорандешӣ мешавад. Ҳамзамон бо ин, Ҳукумати кишвар дар доираи барномаҳои давлатӣ ба таъмини рушди бахшҳои гуногуни ноҳия таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

Дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон ҷиҳати шиносоӣ бо ҷараёни корҳои ободониву созандагӣ, фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва таълимию тандурустӣ, вазъи корҳои кишоварзӣ, омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, ҷамъоварии ҳосил, захираи маҳсулоти ғизоӣ ва вазъи рӯзгори мардуми ноҳия сафари корӣ анҷом дод.

Дар доираи сафари кории намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи ноҳия мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтанд.

Намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024" аз вазъи муассисаҳои соҳаи маориф ва тандурустӣ дидан намуд.

Ҳамчунин, зимни сафари корӣ Гулнора Ҳасанзода дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон бо ҷараёни корҳои ҷамъоварии ҳосили пахта ва коркарди он дар корхонаҳои пахтатозакунӣ, фаъолияти гармхонаҳои доимоамал, ҷамъоварии хӯроки чорво ва омодагӣ ба зимистонгузаронӣ аз наздик шинос шуд. Иттилоъ дода шуд, ки дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия ба ҷамъоварӣ ва нигоҳдории ҳосили пахта аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода таъкид намуд, ки дар ин шабу рӯз кишоварзони ноҳия бо истифода аз обу ҳавои мусоид барои пурра ҷамъоварӣ намудани пахтаи боқимонда ва супоридани он ба корхонаҳо тамоми имконоти мавҷударо истифода намоянд.

Мавриди зикр аст, ки дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои бунёдкорию созандагӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат бомаром идома дорад.

Густариши корҳои ободонӣ дар ноҳияи Қубодиён низ гувоҳи он аст, ки сокинони меҳнатқарин барои таҷлили шоистаи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ҳамаҷониба омодагӣ мебинанд.

Гурӯҳи корӣ зимни сафар аз рафти корҳои бунёдкорию созандагӣ бахшида ба ин ҷашни муқаддаси миллӣ шинос шуда, дар ҷараёни боздид аз корҳои сохтмонӣ дар ноҳия Гулнора Ҳасанзода ба сохтмончиёну пудратчиён барои босифату ба талабот ҷавобгӯ ва дар вақти муайянгардида ба истифода додани онҳо маслиҳату тавсияҳои судманд дод.

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аҳли ҷамоатчигӣ, роҳбарони сохторҳои марбутаи вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, фаъолони ноҳия, собиқадорон, омӯзгорон, табибону кишоварзон ва фаъолони ноҳия мулоқот доир намуд.

Инчунин, зимни сафар ба ноҳияи Қубодиён Гулнора Ҳасанзода аз ёдгории таърихӣ-фарҳангии шаҳристони Тахти Сангин, ки он дар арафаи таҷлили ҷашни 2500- солагии ёдгорӣ қарор дорад, боздид намуд. Зимни сафар роҳбарият бо ёдгорӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ ва дигар корҳои анҷомёфта, аз ҷумла болопӯшнамоии ҷузъии ёдгорӣ аз наздик шинос гардид.

Шаҳраки Тахти Сангин ба асрҳои IV то мелод ва III мелодӣ мансуб буда, таҷассуми маданияти элинӣ ба шумор меравад. Ин шаҳри замони антиқа бо сабки юнонӣ сохта шудааст. Ин ёдгорӣ дар соҳили рости Амударё, поёнтар аз маҳали ҳамроҳшавии дарёҳои Панҷ ва Вахш, дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон воқеъ мебошад.

Ёдовар мешавем, ки 11 ноябри соли 2021 зимни ҷаласаи 41-уми Конфронси генералии ЮНЕСКО тибқи тавсияи Шурои иҷроияи ЮНЕСКО ва қарори 41 С/15 Конфронси генералӣ номинаи Тоҷикистон оид ба 2500-солагии шаҳраки қадимаи Тахти Сангин ба Феҳристи чашнвораҳои ЮНЕСКО барои таҷлил дар солҳои 2022-2023 ворид гардид.

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти мулоқот аз сокинони ноҳия даъват ба амал овард, ки барои истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ободкорию созандагӣ боз ҳам вусъат дода, ба ҳамин васила сатҳи зиндагии худро низ беҳтару хубтар гардонанд.







**Ф. ФАЙЗУЛЛОЕВ,**
**А. АБУНАСРЗОДА,**
**"Шуғл ва муҳоҷират"**

## ҲУШДОР БА МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи муҳоҷирони меҳнатие, ки дар Федератсияи Россия қарор доранд, мерасонад, ки яке аз сабабҳо афзудани ихроҷи маъмурии шаҳрвандонамон аз Федератсияи Россия риоя нагардидани талаботи қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 4 июли соли 1992, №470 "Дар бораи тасдиқи Рӯйхати ҳудудҳои танзимшавандаи Федератсияи Россия барои сафарҳои шаҳрвандони хориҷӣ" мебошад.

Мутобиқи моддаи 2-и қарори мазкур, ворудн шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ба минтақаҳои мазкур, бақайдгирӣ дар ҷойи иқомат, аз қайди муҳоҷиратӣ гузаштан, инчунин ҷалб ба фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди ин минтақаҳо аз ҷониби ташкилотҳои қабулкунанда дар мувофиқа бо мақомоти амнияти Федератсияи Россия дар маҳалли ҷойгиршавии ташкилотҳои қабулкунанда сурат мегирад.

Ташкилотҳои қабулкунанда, ин мақомоти идоракунии давлатии Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои Федератсияи Россия, мақомоти ҳокимияти иҷроияи минтақаҳо, вилоятҳо, ташкилотҳои мухтор, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳо, корпоратсияҳо, консернҳо, ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудудҳои танзимшаванда қарор дошта, иҷозати дахлдор надоранд ва низоми муқарраршудаи будубош дар Россияро вайрон мекунанд, мутобиқи моддаи 18.8 Кодекси маъмурии Федератсияи Россия ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ҷарима дар ҳаҷми аз 2 то 5 ҳазор рубл бо ихроҷи маъмурӣ аз ҳудуди Федератсияи Россия татбиқ мегардад.

Бо дарназардошти ин, ба шаҳрвандоне, ки мақсади сафар ва шурӯъ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар минтақаҳои мазкур доранд, тавсия дода мешавад, талаботи қонунгузории кишвари иқоматро риоя намоянд.

**ВММША ҶТ**

МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

# ГУЛНОРА ҲАСАНЗОДА: «ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА СТРАТЕГИЯҲО

## дар таъмини зиндагии шоистаи мардум аввалиндараҷа мебошанд»

**6-уми октябр дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён бо иштироки намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода, раиси ноҳия Мирзодавлат Сабурзода, инчунин муовинони раиси ноҳия, сардорони раёсатҳо ва мудирони шуъбаю бахшҳои дастгоҳи раиси ноҳия, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарону намояндагони сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хоҷагиҳо, кормандони масъули соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ташкилоту муассиса, соҳибкорон, раисони маҳалла ва ходимони дин маҷлиси фаъолони ноҳия баргузор гардид.**



Раиси ноҳияи Қубодиён ҷаласаро оғоз бахшида, меҳмононро ба ноҳияи Қубодиён хайрамақдам гуфт. Муовини якуми раиси ноҳия оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар нуҳ моҳи соли равон маълумот дод.

Мавсуф оид ба вазъи воқеии иқтисодиву иҷтимоии ноҳия, ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр дар нуҳ моҳи соли 2023, амалишавии нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини натиҷаҳои пешбининамудаи Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, иҷрои бандҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат зимни сафарҳояшон ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҳисобот дод.

Раиси ноҳия ҷадвали суръати рушдро дар самти саноат, сохтмон, савдо, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ, ки дар асоси таҳлилҳои дақиқ таҳия гардида буд, таъкид намуда, иброз дошт, ки барои рушди воқеии ноҳия боз ҳам фаъолиятро тақвият мебахшанд.

Дар идома фаъолияти соҳаи кишоварзиро дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус пахта, мевагӣ, сабзавот, гандум, картошка, маҳсулоти гӯштӣ, шир, тухм ва ғайра дар хоҷагиҳои ҷамъиятиву деҳқонии ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, вобаста ба камбудиҳои ҷойдошта роҳбарият ва кормандони Раёсати кишоварзӣ ва масъулони дастгоҳи ҷамоатҳоро вазифадор намуд.

Намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода зимни суханронӣ бо ёдоварӣ аз мураккаб гардидани авзои сиёсии ҷаҳон ва минтақа, таҳдиди хатарҳои афзоянда ва таъсири он ба иқтисодиёту иҷтимоиёти ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо изҳори назар кард. Иброз гардид, ки дар баробари муваффақиятҳо дар самти иҷтимоию иқтисодии ноҳия камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи саривақтиро тақозо менамоянд.

Вазир дар идомаи суханронӣ даъват ба амал овард: «Дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳон қарор дорад, моро зарур аст, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати хирадмандонаю созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон атрофи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид шуда, беш тару беҳтар фаъолият намоем, корҳои ободонӣ, созандагию бунёдкориро вусъат бахшем, сарфаю сариштакориро риоя намоем, дар ҷараёни амалишавии стратегияву барномаҳои соҳавӣ, ки пешбурди иқтисодиёти ноҳияро таъмин менамоянд, иштирок намоем ва барои дар сатҳи баланди маънавию ташкилӣ ва бо натиҷаҳои арзандаи меҳнатӣ истиқбол гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ омодагии ҳамаҷониба бигирем.

Дар фарҷоми маҷлис раиси ноҳия Мирзодавлат Сабурзода суханронӣ карда, бо назардошти фикру андешаҳои вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлилҳое, ки дар рафти ҷаласа ироа гардид, ҷиҳати рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия муовинон, кормандони масъули дастгоҳи раиси ноҳия, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва роҳбарони идораву ташкилотҳои марбутаро вазифадор намуд. Мавсуф ба Намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода барои иштирок дар маҷлиси ҷамъбастӣ изҳори сипос намуда, изҳори боварӣ кард, ки сокинони ноҳияи Қубодиён ҷашнҳои пешорӯйи Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Президенти Тоҷикистон, Рӯзи парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Тоҷикистонро бо дастовардҳои арзандаи меҳнатӣ истиқбол хоҳанд гирифт.



**Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ намудани Барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳоро дар самти саноат, сохтмон, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи мардум аввалиндараҷа маънидод карда, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, ҳифзи амнияту оромиро аз вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи аҳли ҷомеа арзёбӣ намуд.**

**Хабарнигори мо**

# ОҒОЗИ МАРҲАЛАИ ЯКУМИ СЕМИНАР-ТРЕНИНГҲОИ ОМӮЗИШӢ

Дар доираи ҳамкориҳои Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" бо Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид ЮНФПА 18-уми октябри соли равон дар Маркази тренингии пажуҳишгоҳ марҳалаи якуми Семинар-тренингҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти идоракунии маҳаллӣ оғоз гардид. Дар чорабинии мазбур, ки давоми се рӯз идома меёбад, ба ҳайси шунаванда кормандони Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Ҳадамоти муҳоҷирати ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Спитамени вилояти Суғд ширкат меварзанд.

Маҳмадбекзода Моёншо Шодмон, номзади илмҳои сиёсӣ, директори Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" ба семинари омӯзишӣ бо сухани ифтитоҳӣ ҳусни оғоз бахшида, қайд намуд, ки тадбири омӯзишии мазбур дар доираи раванди иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи боло бурдани сатҳи малакаҳои касбии кормандони соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират



ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ сурат мегирад. Мавсуф бо итминони комил зикр намуданд, ки машғулиятҳои семинари омӯзишӣ омили таконбахши пешрафти соҳаҳо мегарданд.

Коршиносони соҳа-лекторон: Раимдодов У.С., номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии пажуҳишгоҳ ва Худоёров Ҳ., барномасози пажуҳишгоҳ ба саҳми шунавандагон номгӯйи мавзуъҳои омӯзишии марҳалаи якуми семинар-тренингро расониданд.

Сипас, тибқи барнома омӯзиши ду мавзуи зайли рӯзи якуми семинар-тренинг шуруъ гардид:

1. Бастаи нармафзори SPSS ва имкониятҳои он: насби SPSS, интерфейс, принсипҳои кор; эҷоди файлҳои додаҳо; тайёр кардани маълумот; таҳрири маълумот; танзими тағйирёбандаҳо.

2. Тайёр кардани маълумот: рамзгузорӣ ва ҷадвали рамзгузорӣ; матритсаи маълумот; таърифҳои тағйирёбандаҳо; номи тағйирёбандаҳо; оғози SPSS; навъи тағйирёбандаҳо (рақамӣ, матнӣ); тамғаҳои арзиш; арзишҳои сарфи назаргардида.

Машғулиятҳои омӯзишӣ дар ду шакли асосӣ: лексия ва кори амалӣ доир мегарданд ва инчунин тарзи омӯзиш барои шунавандагон имкон фароҳам меоварад, ки дар рафти баррасӣ ва муҳокимаи масъалаҳои марбути мавзуи мушаххас фаъолона ширкат намоянд, тарзи истифодабарии барномаро пурра аз худ кунанд ва дар фаъолияти минбаъдаи худ онро самаранок истифода баранд.

**Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"**

**МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

## Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
## Лоиҳаи навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ

# ВАЗИФАИ ТЕХНИКӢ
# МУТАХАССИС ОИД БА МУҲИТИ ЗИСТ

### I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Ҳукумати Тоҷикистон аз Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) барои татбиқи лоиҳаи "Модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва фарогирии иқтисодӣ" грант ба маблағи 37,5 миллион доллари амрикоӣ гирифт.

Ҳадафи лоиҳа дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи оилаҳои камбизоат ва осебпазир аз хавфҳо, мусоидат ба фарогирии иқтисодӣ ва такмили низоми ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША) яке аз ду муассисаи татбиқкунандаи лоиҳа - якҷоя бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ВММША) тавассути Гурӯҳи татбиқи лоиҳа (минбаъд ГТЛ) иҷрокунандаи Қисмати 2-и лоиҳа (Дастгирии бекорон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ) мебошад, ки мутахассисони инфиродиро барои иҷрои вазифаҳои мушаххас дар татбиқи лоиҳа масъуланд, аз ҷумла мутахассис оид ба ҳифзи муҳити зистро барои иҷрои корҳои зарурӣ ҷалб менамояд.

ГТЛ ВММША масъулияти умумӣ барои иҷрои тамоми фаъолиятҳо дар доираи Қисматҳои 2 ва 4.2, аз ҷумла уҳдадориҳои фидусиариро дорад. ГТЛ ВММША идоракунии ҳаррӯзаи лоиҳаро дастгирӣ мекунад, аз ҷумла дастгирӣ оид ба техникӣ, молиявӣ ва харид, кафолатҳо ва равандҳои мониторинг ва арзёбӣ барои ду Қисмат (2 (2.1, 2.2, 2.3) ва 4 (4.2)) уҳдадор мебошад.

### II. ҲАДАФИ ВАЗИФА

Мақсади асосии вазифаи техникии мазкур ин таъин намудани мутахассиси ботаҷриба, соҳибихтисос ва бомаҳорат барои кумак ба ГГЛ вазорат дар омодасозӣ ва татбиқи чораҳои дахлдори экологӣ барои риояи стандартҳои нави Чаҳорчубаи экологӣ ва иҷтимоии Бонки Ҷаҳонӣ мебошад.

### III. УҲДАДОРИҲО ВА ДОИРАИ КОР:

Таҳти роҳбарии бевоситаи Ҳамоҳангсози лоиҳа ва дар ҳамкории зич бо мутахассиси рушди иҷтимоӣ, мутахассис оид ба муҳити зист масъули ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳаррӯзаи лоиҳа оид ба идоракунии хатарҳои экологӣ мебошад:

Вазифаҳои асосии мутахассис инҳоро дар бар мегиранд:

● Таъмини сиёсат ва самти умумии техникӣ оид ба идоракунии хатарҳои экологӣ дар доираи лоиҳа (тавре ки дар Чаҳорчубаи идоракунии муҳити зист ва иҷтимоӣ (ESMF) муайян шудааст);

● Кафолат додани иҷрои саривақтӣ ва мунтазами ӯҳдадориҳои экологӣ, ки дар Нақшаи ӯҳдадориҳои экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа (ESCP) зикр шудаанд;

● Мутобиқати лоиҳа ба стандартҳо ва расмиёти Чаҳорчубаи экологӣ ва иҷтимоии миллӣ ва Бонки Ҷаҳонӣ.




Ухдадориҳои мутахассис зеринро дар бар гирифта, ҳамзамон маҳдуд нест:

● Ҳамоҳангсозии зич бо ГТЛ барои баррасӣ ва тасдиқи қарорҳо, тавсия додан вобаста ба ташхиси экологӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳити зист;

● Таъмини саривақтӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаи Арзёбии экологӣ ва иҷтимоӣ;

● Баррасии лоиҳа ва арзёбии ниҳоии Таъсир ба муҳити зист ва иҷтимоӣ барои сифат ва гирифтани иҷозатномаҳои зарурӣ;

● Кафолат додан ба иҷрои тадбирҳои татбиқшаванда ва дохил намудани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ба Нақшаҳои идоракунии муҳити зист, иҷтимоӣ ва мониторинг;

● Ташриф ба маҳалҳо ва мониторинги иҷрои чораҳои пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири муҳити зист, ки ҳангоми татбиқи лоиҳа дуруст роҳандозӣ шаванд;

● Сабт ва таҳқиқи тамоми ҳодисаҳои муҳити зист, тандурустӣ/саломатӣ ва бехатарӣ дар ҳолати рух додан;

● Ташкил намудани машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа оид ба воситаҳои экологӣ, пешниҳоди тавзеҳот оид ба муқаррарот ва расмиёти экологӣ ва нигоҳ доштани протоколҳои машваратӣ, аз ҷумла ифшои машваратҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои экологӣ;

● Расонидани кумаки техникии зарурӣ барои мусоидат намудан ба татбиқ, идоракунӣ ва мониторинги хатарҳо ва таъсироти экологӣ, татбиқи нақшаҳои коҳиш додани таъсири муҳити зист ва мониторинг;

● Пешниҳод намудани ҳисобот ба ГТЛ оид ба нишондиҳандаҳои умумии муҳити зисти лоиҳа ҳамчун як қисми ҳисоботдиҳии даврии пешбурди ГТЛ.

### VI. ҲИСОБОТДИҲӢ

Мутахассис оид ба муҳити зист бевосита ба Ҳамоҳангсози лоиҳа ҳисобот медиҳад. Ҳамкории зичи мутахассис бо раёсат ва шӯъбаҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад. Мутахассис оид ба муҳити зист ҳар моҳ ба Ҳамоҳангсози лоиҳа (дар бораи эҳтиёҷот) дар шакли электронӣ ва чопӣ бо забони русӣ ё тоҷикӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

**Давомнокии фаъолият**

Мутахассис оид ба муҳити зист фаъолияти худро аз то мунтазам давом медиҳад. Мансаби мазкур дар давоми муҳлати пурраи татбиқшавии лоиҳа зарур аст.

**Ҷойгиршавӣ**

Мутахассис оид ба ҳифзи муҳити зист дар шаҳри Душанбе дар ГТЛ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

### V. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

✔ Маълумоти олӣ дар соҳаи илми экологӣ, идоракунии захираҳои табиӣ, муҳандисии экологӣ ё шаҳрвандӣ, дигар фанҳои дахлдор;

✔ Таҷрибаи на камтар аз 5 сол дар соҳаи арзёбии муҳити зист, идоракунии хавфҳо ва расмиёти мониторинг;

✔ Таҷрибаи корӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ, миллӣ ва ҷамоатҳо;

✔ Таҷриба дар лоиҳаҳои маблағгузории донорҳо ва татбиқи қаблии кафолатҳои донорҳо бартарӣ дорад;

✔ Таҷрибаи қаблӣ дар лоиҳаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби донорҳо маблағгузорӣ мешаванд, бартарият хоҳад дошт;

**Сифатҳои шахсӣ:**

● Малакаҳои аълои муоширатӣ;

● Кори аълои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, қабули қарорҳо;

● Қобилияти кор дар зери фишор;

● Дониши хуби забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (шифоҳӣ ва хаттӣ) ҳатмист;

● Маҳорати омода кардани гузоришҳои босифати марбут ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

● Корбарии боэътимоди компютерӣ (MS Office, MS Word, MS Excel, Powerpoint, Internet E-mail ва ғ.);

● Ростқавлӣ ва ҳисси масъулият.

**Довталабон бастаи ҳуҷҷатҳои зеринро шахсан бояд пешниҳод намоянд:**

Ариза барои қабули ҳуҷҷат ба номи Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

CV ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бояд маълумоти пурра дар бораи таҳсил ва таҷрибаи корӣ дошта бошад);

Тавсияномаҳо бо қайди рақамҳои тамос аз шахсони авсиякунанда Нусхаи диплом дар бораи маълумоти олӣ;

Нусхаи шаҳодатномаҳои таҳсилоти иловагӣ ё иштирок дар семинару тренингҳо;

Нусхаи шиноснома (ҷои бақайдгирӣ, ТИН).

Ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида бояд дар лифофа бо қайди вазифа ва номи номзад ба суроғаи зерин пешниҳод карда шаванд: ш. Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ 5/2, ба Лоиҳаи навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба рақамҳои зерин тамос гиред:

+992 985886585 ё почтаи электронӣ: khurshedkarimov74@gmail.com

Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 30 октябри соли 2023 то соати 10:00

## ТАЪЗИЯ

Раҳбарият ва кормандони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корманди вазорат Мадуллоева Парвина бинобар даргузашти

**модараш**

изҳори таслият намуда, ба аҳли фарзандону пайвандон ва хешу таборашон сабри ҷамил хоҳонанд.

---

Раҳбарият ва кормандони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корманди вазорат Сафарзода Тиллоӣ бинобар даргузашти

**модараш**

изҳори таслият намуда, ба аҳли фарзандону пайвандон ва хешу таборашон сабри ҷамил хоҳонанд.

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# ВАБОИ АСР ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

Вобаста ба вазъияте, ки имрӯз дар ҷаҳон ба амал омадааст, яке аз самтҳои афзалиятнок, ин мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм мебошад.

Ҳоло дар як қатор давлатҳо ҷангҳои харобиовар идома дошта, онҳо боиси афзоиши шумораи фирориёни иҷборӣ, бекорӣ, гуруснагӣ ва шиддат гирифтани проблемаҳои дигари иҷтимоӣ гардидааст. Терроризм ва ифротгароӣ пеш аз ҳар вақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бистуяк табдил ёфтааст. Ифротгароӣ дар кадом шакле, ки бошад, мо онро қабул надорем, чунки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки ифротгароӣ асосҳои маънавии ҷомеаро вайрон намуда, ба амнияти минтақа ва ҷаҳон таҳдид мекунад. Ба муқобили ифротгароӣ бояд ҳама мубориза баранд.



Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон – дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд. Дар таблиғи ақидаҳои ифротӣ ташкилотҳои махсуси хориҷӣ дар минтақа манфиатдоранд ва ин андешаҳоро миёни ҷавонон таблиғ ва интишор мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид дорад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон омили мазкур ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирафта, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст, ки мутобиқи он сохторҳои давлатию ҷамъиятиро барои мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта мувазааф гардонидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мубориза бар зидди терроризм ва экстремизмро яке аз ҳадафҳои асосии худ қарор дода, дар ин самт тадбирҳои муассир меандешад.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳояшон ироа намудаанд, дар шароити ҷаҳони пурҳаводиси муосир бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти неруҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша зираку хушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд.

**Имомалӣ КАРИМОВ,**
**мутахассиси пешбари бахши муҳоҷирати дохилӣ ва экологии Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд**

**Эълон!**

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**
Нафаре, ки аввалин ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.
Почтаи электронии мо – **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36




**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон: 8-3222-2-38-08**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**

## ТОҶИКОНА МЕПӮШЕМ



## ХУРДТАРИН РӮЗНОМА ДАР ҶАҲОН

Нашрияи португалии «Terra Nostra» («Замини мо») рӯзномаи теъдодаш маҳдудеро ба чоп расонд, ки ҳамчун хурдтарин рӯзномаи ҷаҳон ба Китоби рекордҳои Гиннесс ворид шудааст. Вазни он тақрибан 1 грамм ва андозааш 18,27 х 25,35 мм. буд.

**Таҳия Руҳафзо МУРОДОВА**

## ЯГОНА ШАХСЕ, КИ ДАР МОҲ ДАФН ШУДААСТ

Евгений Шэмейк, яке аз астроном ва астронавтҳои машҳур мебоист, аввалин геологе шавад, ки ба рӯи Моҳ пой гузорад.

Мутаассифона, вазъи саломатиаш имкон надод, ки дар умри худ ба Моҳ биравад. Ба ҷои ин, Нил Армстронг ва дигар астронавтҳоро ба Моҳ сафарбар карданд. Соли 1997 дар ҷустҷӯи кратерҳои номаълум ба Австралия рафт ва дар он ҷо дар садамаи автомобилӣ ҷон дод. Бо эътирофи саҳми ӯ дар рушди илми астрономӣ, NASA хокистари ӯро тавассути киштии ҳавоии «Prospector Lunar» ба Моҳ овард. То имрӯз Евгений Шомейк ягона шахсе боқӣ мемонад, ки дар Моҳ дафн шудааст.

**Таҳия Кароматулло АТО**

## САДОИ МУСИҚӢ

Аз Мавлоно пурсиданд:
- Кадом мусиқӣ ҳаром ба назар мерасад?
Мавлоно посух дод:
- Садои қошуқ аз табақи одами сер, ки ба гӯши як фақири гурусна мерасад.

**Таҳия Матлубаи АБДУҚАҲҲОР**

## МАҲСУЛОТИ ҚАДИМТАРИНИ ШИРӢ

Онҳое, ки панирро дӯст медоранд, бояд аз ин хабар хушнуд шаванд: олимон муайян карданд, ки он қадимтарин хӯрокаи инсоният будааст. Онро ҳазорон сол боз одамон дар тамоми гӯшаву канори олам истеъмол мекардаанд. Агар боз ҳам дақиқтар гӯем, тақрибан 7200 сол қабл аз ин.

**Таҳияи Барно РАҲМОНШОЕВА**

## ЧОР ҲИКМАТИ ЧАРЛИ ЧАПЛИН

1. Рӯзҳои ҳайфшуда рӯзҳое буданд, ки мо дар он нахандида будем.
2. 6 духтури беҳтарин дар ҷаҳон – Офтоб, истироҳат, машқ, парҳез, худро эҳтиёт кардан, дӯсти ҳақиқӣ.
3. Ҳеҷ чиз дар дунё абадӣ нест, ҳатто мушкилиҳоямон ҳам.
4. Боронро бояд дӯст дошт, зеро касе гиристанатонро намебинад.

**Таҳия Шаҳноз САБУРОВА**

**ОБУНА**
“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».
Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.

**Муассис: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,** вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳикматулло,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,** сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,** сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,** директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст. Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ЧДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тел: 2503243

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

Почтаи электронии мо-
Rrohnamo@mail.ru